*Лоиҳа*

**МДТ “ДОНИШКАДАИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН дар ш. Хуҷанд”**

**ТДУ – 336 (575.3)**
**ТКБ – 63.3 (5Тоҷ)**
**Р 47**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**РАҲМАТУЛЛОЕВ АШРАФҶОН УМЕДҶОНОВИЧ**

# ЗАХИРАҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР НИЗОМИ ОМИЛҲОИ РУШДИ МИНТАҚА (дар мисоли вилояти Суғд)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Хуҷанд-2024**

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ризозода Тура Раббим,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини ректор оид робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** Ҷӯаева Адолат Орифовна**,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кибернетика иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Нусратзода Муҳаммади Нусрат,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети технологияи иттилоотӣ ва интеллекти сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи «7» декабри соли 2024, соати $09^{00}$ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, бинои таълимии №5, e-mail: ds.tsulbp@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992)928566665

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи http://ds.tsulbp.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____»_______________соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Дадоматов Д.Н.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар даҳсолаи охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ асосҳои ниҳодӣ таъсис дода шудаанд. Роҳбарияти кишвар ба рушди ин соҳа диққати доимӣ медиҳад. Аз ҷумла, ҳанӯз дар соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуда буданд, ки "Дар шароити имрӯза, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст, олимони кишварро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти рақобати илми ватанӣ корҳои таҳқиқотиву технологиро вусъат бахшанд"[1]. Ин дастури Пешвои муаззами миллат ба татбиқи саросари воситаҳои муосири техникаи электронии ҳисоббарор дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат замина гардид.

Ҳуҷҷате, ки зарурати таъсис, татбиқ ва рушди захираҳои иттилоотӣ, низомҳои иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои муосири коммуникатсиониро дар минтақаҳо тасдиқ менамояд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоот" аз 03.07.2012, № 848 ба ҳисоб меравад.

Тағйироти наве, ки дигаргуншавии низомҳои иқтисодиро тавсиф мекунанд, талаботи рӯзафзуни инсон ба иттилоот, дастрасӣ ба манбаъҳои нави иттилоот, такмили тарзҳои коркард ва нигоҳ доштани иттилоот боиси он гардиданд, ки захираҳои иттилоотӣ ба омили асосии рушди иқтисодиёти минтақа табдил ёфтанд. Ин ҳолат масъалаи таъминнокии иқтисодиёти минтақаро бо захираҳои босифати иттилоотӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳоро ба мадди аввал мебарорад.

Воқеияти муосир аз зарурати таъсис додану ҷорӣ намудани низомҳои иттилоотии самаранок амаликунанда шаҳодат медиҳад, ки ҳамаи захираҳои иттилоотиро дар маҷмуи ягона барои ҳалли вазифаҳои иқтисодии аз ҳама мураккаб муттаҳид мекунад ва самаранокии рушди иттилоотии минтақа ва умуман мамлакатро муайян менамояд.

Низоми ягонаи иттилоотии минтақа ба ҳайси унсури муҳимми сохтори идоракунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ метавонад суръатнокӣ, фаврият ва сифати қарорҳои идоракунии қабулшавандаро дар соҳаҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ баланд бардошта, мавқеи бозории минтақаро устувор менамояд.

Нақши захираҳои иттилоотӣ ба сифати яке аз омилҳои калидии таъминкунандаи рушди иқтисодӣ ва фазои инноватсионии мусоид, зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳоеро, ки дар ин соҳа ба вуҷуд меоянд, таҳқиқи зуҳуроти нави қаблан мавриди омӯзиш қарор нагирифта ва муаммоҳои таъминнокӣ бо захираҳои иттилоотиро ба миён меорад.

Таъсиси низоми комилёри иттилоотӣ барои дастгирии қабули қарорҳо масъалаи муҳим ба шумор меравад, ки ҳалли он рушди самараноки иқтисодиёти минтақаро таъмин менамояд. Бо назардошти истифодаи нокифояи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ (минбаъд – ТИК), ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор нагирифтани мавзуи мазкур ва амалан мавҷуд набудани усулҳои арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. - Реҷаи дастраскунӣ: http://mfa.tj/ -(Санаи муроҷиат: 21.07. 2022)

иттилоотӣ, мавҷудияти талаботи рӯзафзун ба чунин захираҳои иттилоотӣ, мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ махсусан муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Баҳсҳои илмӣ дар самти арзёбӣ ва сатҳи истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар асри XX оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад. Баррасӣ ва таҳқиқи назарияи захираҳои иттилоотӣ бо асарҳои олимони хориҷиву ватании зерин алоқаманд аст: А.Б. Антополский, И.Л. Бачило, А.М. Блюмин, Т.Ф. Ефремова, В.Л. Иноземсев, А.А. Кариувоухов, А.Г. Киселев, С.В. Коновченко, К. Маркс, Ф. Энгелс, Л.Р. Магомаева, М.Ф. Мизинсева, Т.И. Николаева, С.И. Ожегов, А.Н. Прокопенко, В.Д. Попов, Н.Ф. Реймерс, Е.Г. Русскова, Ч. Сиглер, Ҷ.М. Стюарт, А.А. Тсиренова, Л.Х. Саидмуродзода, Т.Р. Ризозода, Т.Н. Назаров, Р.К. Раҳимов, Ш. Раҳимзода ва дигарон.

Моҳият ва мундариҷаи раванди таъмини иттилоотии минтақаҳо, принсипҳо ва механизмҳои идоракунии раванди иттилоотонӣ дар корҳои илмии мутахассисони варзидаи соҳа, аз ҷумла Д. Белл, С. Голушко, Е. Димченко, С. Исоев, А.А. Мироедов, Й. Масуд, М. Кастелс, В. Першинов, А.Л. Қодирзода, Ғ. Ҷӯрабоев, Б. Шарифзода ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Масоили аҳаммияти захираҳои иттилоотӣ дар раванди идоракунии иқтисодиёт, минтақа ва корхонаҳоро С.И Ашмарина, А.Б Антополский, Ю.В. Волкова, М.И. Горбачев, Л.Н. Гановичева, А.А. Личман, Е.Е. Лавришев, В.И. Меденников, Ф. Махлуп, Л.Г. Муратова, С.Г. Салников, Н.Ю. Тухина ва дигарон таҳқиқ намудаанд.

Дар илми иқтисодии ватанӣ то ба қарибӣ масъалаҳои истифодаи захираҳои иттилоотӣ предмети таҳлили муфассалу ҳамаҷониба қарор нагирифта буданд. Вале, солҳои охир шумораи тадқиқот дар ин самт меафзояд, ки бори дигар муҳиммияти таҳқиқи муаммои захираҳои иттилоотиро барои минтақаҳо ва мамлакат нишон медиҳад.

Инчунин асарҳои мавриди баррасӣ бахшидаи олимони ватаниро қайд кардан лозим аст, ки самтҳои гуногунро дар бар мегирад: алалхусус, ҳолати муосир ва хусусиятҳои ташаккули захираҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби олими ватанӣ З.М. Бобоев таҳқиқ гардидааст; олими дигар М.А. Қурбонов бошад, масъалаи истифодаи захираҳои иттилоотиро дар таъмини рушди сохторҳои соҳибкорӣ баррасӣ менамояд; олими дигар-Муҳаммадзода П.А., ба масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст; Б.А. Турдибеков бошад муаммоҳои рушди иқтисодиёти рақамро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти омӯзиш қарор додааст; ҳукумати электронӣ ҳамчун ниҳоди нави сиёсию иҷтимоии идоракунии давлатӣ дар асарҳои олими ватанӣ А.С. Ниёзов таҳқиқ карда шудааст. Инчунин, аз ҷониби олимони ватанӣ: Ашуров М.М., Алиҷонов Ҷ.А., Алиҷонова С.А., Бозоров Ш.Ш., Бегмуродов С.Ш., Давлатов Р.Ҷ., Исломов Т., Исломов С., Мирзоев Н.Ҳ., Мирсаидов А.Б., Нусратзода М.Н., Раҳимов Ф.С., Раҳмонов Ш.А., Ҳасанова М.И., Шамсов И., Шерматов Р.Б. ва дигарон мавриди таҳқиқ карда шудааст.

Бо вуҷуди он ки олимони зиёд бахшида ба идоракунии захираҳои иттилоотии минтақаҳо асарҳои сершумор таълиф кардаанд, баъзе самтҳои муҳими таҳқиқот, аз ҷумла масоили ташаккули таъмини иттилоотии сифатноки низомҳои идоракунӣ, дастрасӣ ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ аз тарафи субъектони иқтисодии минтақа ва мақомоти идоракунии давлатӣ

ба таври бояду шояд ҳаллу фасл нашудаанд. То имрӯз моҳияти мафҳумҳои захираҳои иттилоотӣ бо таври кофӣ мушаххас нагардидааст, консепсияи умумии ташаккули низомҳои идоракунии захираҳои иттилоотии минтақа, ки принсипҳои таҳияи низоми ягонаи иттилоотро дар бар мегиранд, вуҷуд надорад ва ғайра.

Муаммоҳои ошкоргардида пойгоҳи таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил намудаанд, мубрамияти онро инъикос менамоянд, инчунин дар сатҳи кофӣ коркард нашудани масъалаҳои назариявӣ ва амалиявӣ, ташаккул ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ аз ҷониби ҳамаи субъектҳои иқтисодиёт мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар мегиранд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо қисмҳои зерини Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вобастагӣ дорад: Боби 1. Тоҷикистон дар соли 2030: З.б. 1.1. Биниш, рисолат, ҳадаф ва вазифаҳо; З.б. 1.3. Сенарияҳои рушд; З.б. 1.4. Давраҳои амалисозии СМР – 2030. Боби 2. Таҳдидҳо ва имкониятҳо барои рушд: З.б. 2.1. Таҳдидҳо; З.б. 2.2. Имкониятҳо. Боби 3. Таҳкими неруи институтсионалии кишвар: З.б. 3.1. Низоми самарабахши идоракунии давлатӣ; З.б. 3.2. Рушди минтақаҳо. Боби 4. Рушди сармояи инсонӣ: З.б. 4.1. Маориф ва илм. Боби 6. Низоми мониторинг ва арзёбӣ. Таҳқиқи диссертатсионӣ инчунин бо ҳуҷҷатҳои зерин алоқаманд аст: Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи нақшаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар мавзуи “Идоракунии стратегии рушди инноватсионии соҳибкорӣ дар иқтисодиёти рақамӣ: вазъият ва дурнамои рушд” низ иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** инкишоф додани муқаррароти назариявӣ ва коркарди тавсияҳои методию амалӣ доир ба ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ ҳамчун омили муайянкунандаи рушди иқтисодии минтақа мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Барои расидан ба мақсади мазкур дар диссертатсия ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

– низомбандӣ намудани моҳияти иқтисодии захираҳои иттилоотӣ ва таснифоти он дар шароити муосир;

– таҳқиқи равияҳои методии арзёбии истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар минтақа;

– омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии захираҳои иттилоотӣ ва инфрасохтори иттилоотӣ бо мақсади истифодаи он дар идоракунии таъмини иттилоотии минтақаи вилояти Суғд;

– муайян намудани вазъи рушди иқтисодӣ ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд;

– арзёбии сатҳи истифода ва дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд;

– асоснок намудани муаммоҳои рушди инфрасохторҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд ва омилҳои таъсиррасон ба ҷараёни идоракунии захираҳои иттилоотӣ;

– пешниҳоди самтҳои асосии такмил додани истифодаи захираҳои иттилоотӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа.

**Объекти таҳқиқот** маҷмуаи муносибатҳои иқтисодии алоқаманд ба ҷараёни ташаккулёбӣ ва истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.

**Предмети таҳқиқот** ҷараёни истифодаи захираҳои иттилоотӣ баҳри баланд бардоштани рушди иқтисодиёти минтақа мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар эҳтимоли илмии зарурати ташаккул додан ва самаранок истифода бурдани захираҳои иттилоотӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа, ки ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, афзоиши шуғли аҳолӣ дар оянда мусоидат менамояд, ифода меёбад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба таҳқиқи ташаккул додан ва самаранок истифода бурдани захираҳои иттилоотӣ бахшида шудаанд, Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти рақамикунонии иқтисодиётро дар саросари кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳо танзим мекунанд, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоот", "Дар бораи ҳифзи иттилоот", барномаҳои давлатии "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва консепсияи ҳукумати электронӣ, ки аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд, ҳамчун дастурҳои барномавӣ ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил кардаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** принсипҳои равишҳои низомманд ва таҳлили ниҳодӣ, истифодаи усулҳои қиёсӣ, мантиқӣ–таърихӣ ва усули таснифот ташкил кардаанд. Муқаррароти илмии усулҳои диалектикӣ, маҷмаавӣ–низомманд, инчунин усулҳои оморӣ, иқтисодӣ–математикӣ, шохисӣ, алалхусус, усули пурсиш низ васеъ истифода гардидааст.

**Сарчашмаҳои маълумотро** додаҳои расмӣ дар бораи тамоюлҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, ки дар нашрияҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инчунин маводи ҳисоботи расмии Мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати минтақавии кумитаи андози ҷумҳурӣ ташкил кардаанд. Дар рафти кор маърӯзаю ҳисоботи илмӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва иқтисодӣ интишор карда шудаанд, маводи монографияҳо, мақолаҳои муаллифони ватанию хориҷӣ дар матбуоти даврӣ, мушоҳидаҳо ва ҳисобкуниҳои муаллиф, инчунин додаҳо аз шабакаи Интернет низ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот** кафедраи менеҷмент ва маркетингии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди назарияи омилҳои истеҳсолот, иқтисодиёти минтақа ва коркарди тавсияҳои илмию амалӣ доир ба ҳалли

муаммоҳои истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ ҳамчун омили истеҳсолии пешрафти иҷтимоии иқтисодиёти минтақа инъикос меёбад.

Ба қатори унсурҳои асосии навгонӣ натиҷаҳои асосии илмӣ – таҳқиқотии зерин, ки дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, дохил мешавад:

– мубаддал гаштани захираҳои иттилоотӣ дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодии муосир ба омили асосии истеҳсолот асоснок карда шудааст. Дар ин замина ба мафҳуми таҳқиқот тасҳеҳ ворид гардидааст, яъне: “Захираҳои иттилоотӣ – маҷмуаи маводҳо, ахбор, хабарҳои ҳуҷҷатии ҷамъшудаи низомбандигардида, маълумоти илмӣ мебошанд, ки дар ниҳодҳои махсус (китобхона, бойгонӣ, анбори иттилоот) дар шакли навиштаҷот ё ин ки электронӣ нигоҳ дошта, натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон мебошанд, арзиш ва арзиши истеъмолӣ доранд ва барои қонеъ намудани талабот ба иттилоот равона гардидаанд”;

– муайян карда шудааст, ки услубҳои бисёрҷабҳаи гуногуни методӣ оид ба арзёбии сатҳи истифодаи захираҳои иттилоотӣ мавҷуд буда, меъёрҳои асосии самаранокии онҳо дар беҳтар намудани ҷараёни идоракунӣ, ташкили меҳнат, истеҳсолот, фаъолнокии эҷодии корманд инъикос меёбад. Алгоритми арзёбии истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти минтақа муайян гардидааст. Тибқи алгоритми мазкур марҳилаҳои зерин муайян карда шудаанд: таъсиси низоми иттилоот; муайянкунии сатҳи дастрасӣ ва истифодабарӣ; вазъи инфрасохторҳои иттилоотӣ; таъминнокӣ бо технологияи иттилоотии рушди иқтисодиётӣ минтақа;

– таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон оид ба идоракунии захираҳои иттилоотӣ низомбандӣ карда шудааст, ки ҷанбаҳои қобили қабул дар иқтисодиёти минтақа муайян гардидаанд. Аз ҷумла, ташаккули шароити мусоид дар бозори захираҳои иттилоотӣ, таъминнокии кибербехатарӣ (ИМА); сармоягузории хориҷӣ (Канада, Ҳиндустон); ҳавасмандсозии таклифот, тартиби сабуки иҷозатномадиҳӣ (Дания, Финляндия); ҳавасмандгардонии талабот: пешбурди шаклҳои электронии хизматрасониҳои давлатӣ (Британияи Кабир); марказонидани фаъолияти соҳаҳои инфрасохторӣ (Русия); милликунонӣ, хизматрасониҳои иттилоотӣ (Бразилия), шарикии давлатию хусусӣ (Юнон). Аз таҷрибаи хориҷӣ истифодаи принсипҳои зерин низ мувофиқи мақсад аст: ҷалбкунӣ ва таълими IT–кадрҳо; рақамикунонӣ; стартапҳои рақамӣ; ҳавасмандкунонии ҷараёнҳои инноватсионӣ ва рушди соҳаҳои илмталабиашон баланд;

– вазъи ташаккул ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар в. Суғд тибқи гурӯҳҳои муайяни нишондиҳандаҳо арзёбӣ карда шудааст. Алалхусус, гурӯҳи индикаторҳои сармояи инсонӣ (донишҷӯёни мактабҳои олӣ, аспирантон, шуғли аҳолии маълумоти олӣ дошта, шуғл дар соҳаи илм, хароҷот барои инноватсия); техникӣ (компютерҳои инфиродӣ, телефонҳо, интернет, хизматрасонии алоқа); институтсионалӣ (қонун, барнома, лоиҳаҳо); иттилоотӣ (китобхонаҳо, пойгоҳи маълумот, нашриёт, сомонаҳо); ташкилӣ (корхонаҳои хизматрасонии иттилоотӣ, ширкатҳои барноманависии компютерӣ, хароҷоти буҷет ба соҳаи иттилоот ва алоқа). Муайян карда шудааст, ки дар таъминнокии субъектҳои хоҷагидорӣ бо технологияи иттилоотӣ ш. Хуҷанд, н. Айнӣ, н. Б. Ғафуров мавқеи пешқадам доранд; дар ин

самт дар н. Кӯҳистони Мастчоҳ, н. Ҷ. Расулов, н. Зафаробод, ш. Истиқлол қафомонии назаррас ба мушоҳида мерасад;

– муаммоҳои боздорандаи таъмини самаранокии захираҳои иттилоотӣ дар фаъолияти корхонаҳои вилояти Суғд муайян карда шудаанд. Алалхусус, норасоии воситаҳои пулӣ барои ҷалби техника ва технологияи муосир, нокифоягии иттилоот оид ба дастовардҳои арзишноки илмӣ, душвории дастрасӣ ба шабакаи Интернет (аз рӯи нарх), номувофиқатии донишу малакаи кор бо IT–технологияҳо дар бештари корхонаҳо. Исбот гардидааст, ки барои иҷрои ҳадафҳои ҳукумати электронӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, сомонаҳои расмӣ фаъол гардидааст. Дар ин самт новобаста аз муваффақиятҳо норасоиҳо низ мушоҳида мегардад, аз ҷумла механизми сусти пешниҳоди иттилоот, сатҳи нокифояи ҷаззобияти сомона ва ғайра, ки минбаъд бояд ислоҳи худро ёбанд;

– асоснок карда шудааст, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд унсурҳои асосии инфрасохтори иттилоотӣ эҳё гардидаанд, вале то ҳол омилҳои ба рушди он мамониаткунанда мавҷуданд. Аз ҷумла: омилҳои ниҳодӣ (гаронии андоз дар бахши хизматрасонии иттилоотӣ, норасоиҳо дар қонунгузорӣ оид ба рушди IT, набудани барномаи рушди инфрасохтори иттилоотӣ дар шаҳру ноҳияҳои в. Суғд); омилҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ (нокифоягии даромади аҳолӣ, сатҳи шуғлнокӣ, надонистани забонҳои хориҷӣ); омилҳои табиӣ–ҷуғрофӣ (набудани роҳҳои баҳрӣ, сатҳи баланди сейсмикӣ); омили кадрӣ (норасоии кадрҳои IT); омили молиявӣ (маҳдудияти имкониятҳои молиявии корхонаҳои ватанӣ);

– модели таъсиррасонии захираҳои иттилоотӣ ба сатҳи рушди иқтисодиёти в. Суғд таҳия ва пешниҳод гардидааст. Дар асоси он исбот карда шудааст, ки дар рушди иқтисодиёти минтақа омили инсонӣ нақши доминантӣ дорад, саҳми захираҳои иттилоотӣ бошад дар шароити муосир назаррас нест. Самтҳои такмили механизмҳои таъминоти иттилоотии рушди минтақа, аз ҷумла таъсиси: фонди захираи иттилоотии "Муҳити корӣ", маркази иттилоотӣ – машваратӣ дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, коркард ва пешниҳод карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асоснок намудани нақши захираҳои иттилоотӣ дар консепсияҳои рушди иқтисодиёти муосир ва ворид намудани тасҳеҳ ба предмети таҳқиқот;
2. Исбот намудани мавҷудияти усулҳои гуногуни арзёбии истифодаи захираҳои иттилоотӣ ва муайян кардани тартиби ҳисоби он;
3. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ оид ба идораи захираҳои иттилоотӣ ва муайян намудани самтҳои татбиқи он дар иқтисодиёти минтақа;
4. Арзёбии вазъи ташаккул ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар в. Суғд аз рӯи нишондиҳандаҳои самтҳои мушаххас ва муайян намудани мавқеи шаҳру ноҳияҳои в. Суғд;
5. Асоснок намудани муаммоҳои истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар корхона ва раддабандии баъзе сомонаҳои интернетӣ тибқи меъёри воридшавӣ дар в. Суғд;
6. Муайян намудани нақшу аҳаммияти инфрасохтори иттилоотӣ дар рушди иқтисодиёт ва омилҳои таъсиррасон ба он дар в. Суғд;

7. Коркард ва пешниҳод намудани самтҳои такмили механизмҳои таъминоти иттилоотии рушди иқтисодиёти в. Суғд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки тавсияҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодгардидаро дар ҷараёни такмил додани идоракунии захираҳои иттилоотӣ, коркарди барномаҳои махсуси рушди иқтисодиёти минтақа, ки аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои вилояти Суғд пешниҳод мегардад, истифода намудан мувофиқи мақсад аст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқотро дар мактабҳои олӣ дар ҷараёни таълими фанҳои иқтисодиёти минтақа, иқтисодиёти корхона, микроиқтисодиёт, иқтисодиёти соҳаҳо, инчунин дар ташкил ва гузаронидани курсҳои махсуси таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар ҳадафмандии равишҳои дар он истифодашуда, услубҳо, маълумот аз сарчашмаҳои расмӣ, аз ҷумла додаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ташкилотҳои дахлдори ваколатдор оид ба татбиқи хулосаю таклифҳои дар таҳқиқот ироа шуда зоҳир мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ бо Шиносномаи тахассусии тасдиқнамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақа ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад: Банди 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; методҳо ва фишангҳои таҳқиқотҳои иқтисодии ҳудудӣ; проблемаҳои андозагирии иқтисодии минтақавӣ; эконометрикаи ҳудудӣ; ташхиси системавии муаммоҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ; Банди 2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷорати хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ; Банди 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Проблемаҳои ташаккулёбии зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсонии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ. Банди 14. Идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ. Шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. Вазифаҳо ва механизмҳои идоракунӣ. Асосноккунии методӣ ва коркарди ангораҳои ташкилӣ ва механизмҳои идоракунии иқтисодиёти минтақаҳо; арзёбии самаранокии онҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми фардии муҳаққиқ дар иштироки бевосита дар интихоб ва асосноккунии мубрамияти таҳқиқот, ҷамъоварии мавод дар заминаи мавзуъ, таҳлилу натиҷагирӣ ва низомбандӣ намудани онҳо зоҳир мегардад. Иҷрои вазифаҳои гузошташуда, омода намудан ва нашри мақолаҳои илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона ба анҷом расонида шудааст. Унвонҷӯ дар конференсияҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва умумидонишгоҳӣ оид ба мавзуи диссертатсионӣ маърузаҳо ироа кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ–назариявӣ ва илмӣ–амалӣ, аз ҷумла конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалии бахшида ба эълон шудани солҳои 2020–2040 ҳамчун "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" дар ДИС ДДТТ (Хуҷанд, 2021), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ таҳти унвони "Эмомалӣ Раҳмон: эҳёи худшиносӣ ва эъмори давлатдорӣ", бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30–солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ДИС ДДТТ (Хуҷанд, 2022), конференсияи байналмилалии илмӣ–амалии "Рушди устувори иқтисодиёти рақамӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: муаммоҳо, тамоюл ва таҷрибаи ҷаҳонӣ" дар ДИС ДДТТ (Хуҷанд, 2022), конференсияи байналмилалии илмӣ–амалии "Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Душанбе, 2023), конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ таҳти унвони "Афзалиятҳои стратегияи рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ – инноватсионӣ" дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Душанбе, 2024), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ таҳти унвони "Сарватҳои табиии Тоҷикистон: таҳқиқотҳои геологӣ, вазъи кунунӣ ва дурнамои истифодабарии он" дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров (Хуҷанд, 2024), инчунин дар дигар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва конференсияҳои илмӣ–амалии ҳарсолаи апрелии профессору омӯзгорони ДИС ДДТТ ироа гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 11 мақола бо ҳаҷми умумии 3,5 ҷ.ч., аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, руйхати адабиёти истифодашуда, ки 176 номгӯйро дар бар мегирад, таркиб ёфтааст. Матни кор 169 саҳифаи чопи компютериро ташкил карда, 26 расм ва 15 ҷадвалро фаро гирифтааст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар боби аввал -** "Ҷанбаҳои назариявӣ – методии таҳқиқи захираҳои иттилоотии минтақа" - мундариҷаи илмӣ ва таснифи равишҳои методии арзёбии истифода ва таҷрибаи хориҷии идоракунии захираҳои иттилоотӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа баррасӣ гардидаанд.

Аҳаммият ва арзиши захираҳои иттилоотӣ дар замони муосир, яъне дар шароите, ки технологияҳои иттилоотӣ бо суръати кайҳонӣ такомул ва рушд ёфта истодаанд, беш аз пеш меафзоянд. Барои исботи ин иддао мулоҳизаҳои баъзе олимонро меорем. Дорандаи ҷоизаи Нобелӣ Ҷ.Стиглер бо таассуф қайд кардааст: "Олимони донишгоҳҳо бояд дарк намоянд, ки иттилоот алҳол захираи арзишии худро пурра инъикос накардааст. Дониш ҳукмронӣ аст, ҳарчанд алҳол иттилоот дар сохтори бинои иқтисодӣ ҳиссаи хеле ночизро ташкил мекунад"[2]. Иқтисоддони хориҷӣ иттилоотро ҳамчун

[2] Stigler, G. The Economics of Information // Journal of Political Economy, 1961, vol.69, No 3, p. 213.

захира мавриди таҳқиқ қарор дода, аҳаммияти онро сазовор арзёбӣ намудаанд. Аз ҷумла, Д. Белл қайд кардааст: “Илму дониш ва иттилоот ба захираҳои стратегӣ мубаддал гашта, ба ҳайси агенти гузариш ба ҷамъияти пасоиндустриалӣ мебошад”[3]. Дар охири асри XX иқтисоддони машҳури амрикоӣ Т. Стюарт иттилоотро ҳамчун захираи ғайриодӣ баррасӣ намуда, қайд кардааст: “Иттилоот ва илму дониш аз дигар намуди захираҳо аз ҷумла, аз захираҳои табиӣ, пулӣ, меҳнатӣ ва техникӣ куллан фарқ мекунад. Иқтисоддонон онҳоро “неъмати ҷамъиятӣ” меҳисобанд, ба он маъно, ки дар натиҷаи истифода онҳо коҳиш намеёбанд, баръакс зиёд мешаванд ва ҷудонашаванда мебошанд, яъне он ҳаҷми илму донише, ки ман қаблан аз худ карда будам, имкон медиҳад, ки дар оянда аз он зиёд илму донишро қабул кунам”[4].

Ибораи “захираи иттилоотӣ” бо таври хеле васеъ ҳам дар нашрияҳои илмӣ ва ҳам дар қонунгузориҳое, ки фаъолиятро дар соҳаҳои иттилоотӣ танзим мекунанд, истифода бурда мешавад. То ба имрӯз оид ба мафҳуми захираи иттилоотӣ дар илми иқтисодӣ ақидаҳои хеле гуногун мавҷуданд. Дар поён нуктаи назари баъзе олимонро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Масалан, олими рус П.А. Румянтсев чунин ибрози ақида намудааст: “Иттилоот чунин намуди захира мебошад, ки дар шакли ғоя, модел, намунаҳои техника ва технологияҳои нав, намунаи маҳсулоти нав, шакли ташкили хоҷагидорӣ буда, сарчашмаи тағйироти технологӣ, муҳаррики пешравии ҷамъиятӣ, манбаи азнавсозии истеҳсолот барои қонеъ намудани талаботи муосир ва ташаккули талаботи нав мебошад”[5]. Чунин ақидаҳои гуногунро бемаҳдуд овардан мумкин аст, вале қайдгардида нуктаҳо мавҷудияти бинишҳои гуногунро инъикос менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни махсус оид ба иттилоот қабул карда шудааст, ки тибқи он моҳияти захираҳои иттилоотӣ чунин муайян карда шудааст: “Захираҳои иттилоотӣ асноди алоҳида, ҳаҷми ҷудогонаи аснод ва ҳаҷми аснод дар низоми иттилоотӣ (китобхонаҳо, бойгониҳо, фондҳо, маҳзанҳои иттилоотӣ ва дигар низомҳои иттилоотӣ) мебошад”[6].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳои ҷаҳон рушд ба сӯи гузаштан ба иқтисодиёти индустриалии инноватсионӣ дорад, олимони ватанӣ оид ба аҳамият, моҳият ва зарурати самаранок идоракунии захираҳои иттилоотӣ таҳқиқотҳои ҷолиби диққат гузаронида шудааст. Баъзе нуктаи назари олимони ватанӣ оид ба мафҳум ва нақши захираҳои иттилоотӣ дар ҷадвали поёнӣ гирд оварда шудааст.

---

[3] Белл, Д. Социальные рамки информационного общества [Текст] / Д. Белл // Новая технократическая волна на Западе. – М.: Прогресс, 1986. – С. 300–340.

[4] Стюарт, Т. Интеллектуальный капитал / Новая постиндустриальная волна на Западе: Антология [Текст] / Т. Стюарт // под ред. В.Л. Иноземцев. – М.: Academic, 1999. – С. 388.

[5] Румянцев, А. Предмет и задачи “информационной экономики” [Текст] / А. Румянцев // Российский экономический журнал. – 1997. – № 3. – С. 89.

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июли соли 2012 “Дар бораи иттилоот” [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. - № 848.

### Ҷадвали 1. – Ақидаҳои олимони ватанӣ оид ба мафҳуми “Захираҳои иттилоотӣ”

| **Мафҳум** ***(Муаллиф)*** |
|---|
| “Дар шароити муосир аҳамияти истифодаи иттилоот ва хизматрасонии иттилоотӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ меафзояд. Имрӯз иттилоот муҳимтарин манбаи иқтисодӣ мебошад, ки бидуни он фаъолияти муваффақи мақсаднок дар муҳити рақобат ғайриимкон аст.” *(Сарчашма: Курбонов М.А., Буриев Б. М. Экономическая эффективность информационных услуг в предпринимательстве. // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе: СИНО, 2013. - №2/3(111). -С. 226-229.)* |
| “Захираҳои иттилоотӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҳамчун захираи асосӣ дар истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолоти молу хизматрасониҳо тавсиф дода мешаванд.” *(Сарчашма: Ризокулов Т.Р., Шамсов И. Предпосылки перехода к цифровой экономике и ее влияние на отечественный рынок труда// Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе: МТНПҶТ, 2019. – №3 (66). -С. 33-42.)* |
| “Захираҳои иттилоотӣ ин ҳуҷҷатҳо ва массивҳои алоҳида, инчунин дар системаи иттилоотӣ (дар китобхонаҳо, архивҳо, фондҳо, бонки маълумотҳо ва ғайра) мебошанд. Ба ибораи дигар, захираҳои иттилоотии ҷамъият, ин иттилооти хусусияти гуногундошта, дар шакли ҳуҷҷатҳо, базаи маълумотҳо ва базаи донишҳо таҷассумёфта мебошад. ” *(Сарчашма: Шамсов И.С., Мирзоев Н.Ҳ., Шерматов Р.Б. /Муаммоҳои идоракунии корхонаҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ/ Паёми - ДМТ. - 2024. №4. Қ.1. –14с.)* |
| “.... захираҳои иттилоотӣ яке аз унсурҳои ҳатмӣ барои амалӣ намудани ҳама гуна фаъолияти инсон мебошанд: истеҳсол, идоракунӣ, таҳқиқоти илмӣ, тарҳрезии техника ва технологияи нав, тайёрӣ ва бозомӯзии кадрҳо.” *(Сарчашма: Давлатов Р.Дж. О роли информационных технологий в автоматизации управления предприятием. / Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе: СИНО, 2013. - №2/6(111). -С. 265-269).* |
| “Захираи иттилоотӣ ҳамчун захираи нави иқтисодӣ дар донишҳои муайян инъикос ёфтаанд. Дониш бо мафҳуми нави худ маънои қувваи фоиданок, воситаҳои дастраскунии натиҷаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро дорад.” *(Сарчашма: Алиҷонов Ҷ.А., Алиҷонова С.А., Раҳмонов Ш.А. Макроиқтисодиёт: мафҳумҳои асосӣ, тестҳо ва масъалаҳо. – Душанбе: ҶДММ “Сухани Қудрат”, 2011. – 280 с.)* |
| “Захираҳои иттилоотии ҷамъият, ин иттилооти хусусияти гуногундошта, дар шакли ҳуҷҷатҳо, базаи маълумотҳо ва базаи донишҳо таҷассумёфта мебошад.” *(Сарчашма: Шамсов И.С., Мирзоев Н.Ҳ., Шерматов Р.Б. /Муаммоҳои идоракунии корхонаҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ / Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2024. - №4. Қ.1. – С. 14)* |
| “Захираҳои иттилоотӣ, ки дар худ амалиёти ҷамъкунӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоотро дарбар мегирад, дар замони ҳозира яке аз вазифаи алоҳидаи идоракунӣ аст, ки иттилооти дохилӣ ва берунӣ низ ба зиммаи он гузошта шудааст.” *(Сарчашма: Раҳимов Ф.С. Система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт. –Душанбе, 2018. – 280 с.)* |
| “Идоракунии захираҳои иттилоотӣ, ки ташкили маълумот ва идоракунии равандҳои коркарди онҳоро дар бар мегирад, бештар ба вазифаи ҷудогонаи идоракунӣ табдил меёбад.” *(Сарчашма: Ҳасанова М.И. Захираи иттилоотӣ - асоси иттилоотонии фаъолияти иқтисодӣ // Маводи конфронси байналмилалӣ “Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”. –Хуҷанд; ДДҲБСТ “Дабир”. -2020. – 449 с.)* |
| “Иттилоот гуфта, ба мафҳуми томаш тамоми маълумотҳо дар хусуси шахсони ҷудогона, ашёҳо, амвол, фактҳо, ҳодисаву воқеаҳо ва равандҳои гуногун новобаста ба шакли зуҳурёфта ва манзуршудааш фаҳмида мешавад.” *(Сарчашма: Қодиров А.Л. Асосҳои фаъолияти тиҷоратӣ. – Хуҷанд: ҶММ “Хуросон”, - 2002. – 220 с.)* |
| “Иттилоот, маълумоте, ки барои таҳлил ва пешгӯии вазъи иқтисодиёти бозор ба кор бурда мешавад. Ҳар як ширкат ба захираи иттилоот оид ба арза ва тақозо, сарчашмаи даромад, оид ба мавзее, ки ба нархи баланд фурӯхта, ба нархи арзон харид кардан мумкин аст, эҳтиёҷ дорад.” *(Сарчашма: Исломов Т., Исломов С. Назарияи иқтисодӣ. – Душанбе; “Ирфон”, –2013. – 159 с.)* |

| |
|---|
| “Дар айни замон бо таъсиси шабакаҳои миллии ва ҷаҳонии иттилоот, интиқоли додаҳо бозори захираҳои иттилоотиро васеъ мегардад. Суръати ин равандҳо бо афзоиши захираҳои иттилоотӣ ва хизматрасонии иттилоотиро ба куллӣ беҳтар намуд.” *(Сарчашма: Бобоев З.М. Современное состояние и особенности формирования информационных ресурсов в экономике Республики Таджикистан // Интернет-журнал «НАУКОВЕДЕНИЕ» Том 9, №6 (2017) https://naukovedenie.ru)* |
| “Захираҳои иттилоот - шабакаи компютерӣ, компютерҳои захиравӣ, сервер (сервери файлҳо, аппликатсияҳо, коммуникатсия, почта, факсҳо, Web), истгоҳҳои корӣ (доимӣ ва кучонидашаванда), таъминоти барномавӣ, васли дохилӣ ва берунии шабакаҳои компютерӣ ва коммуникатсионӣ, ки дастёбӣ ба онҳо мустақим ва ё ғайри мустақим аст, ҳамчунин иттилооте, ки системаи иттилоотии мақомоти гумрук сабт мекунад, ё коркард мекунад.” *(Сарчашма: Ҷалолов Н.М. Феҳристи мафҳумҳои асосӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ / Хуҷанд, 2013.)* |
| “Захираҳои иттилоотӣ яке аз воситаҳои асосии такмилдиҳии дониш мебошанд. Технологияҳои мобилӣ имкон медиҳанд, то дар вақти дилхоҳ, дар ҳама ҷо ба энсиклопедияҳо, луғатҳо, маълумотнома, ВАО ва дигар манбаъҳои иттилоотӣ дастрасӣ пайдо намоем.” *(Сарчашма: Саидов, И.М. Асосҳои амсиласозии риёзӣ / И.М. Саидов. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. –152с.)* |

**Таҳияи муаллиф**

Дар асоси таҳлили боло, моҳияти мафҳуми “захираҳои иттилоотӣ” пешниҳод карда шудааст: “Захираҳои иттилоотӣ – маҷмуаи маводҳо, ахбор, хабарҳои ҳуҷҷатии ҷамъшудаи низомбандигардида, маълумоти илмӣ мебошанд, ки дар ниҳодҳои махсус (китобхона, бойгонӣ, анбори иттилоот) дар шакли навиштаҷот ё ин ки электронӣ нигоҳ дошта, натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон мебошанд, арзиш ва арзиши истеъмолӣ доранд ва барои қонеъ намудани талабот ба иттилоот равона гардидаанд”. Хусусиятҳои хоси захираҳои иттилоотӣ мудаллал карда шудаанд: иттилоот ҳамчун объект, моликият; дороии ғайримоддӣ; сармоя; бемаҳдуд зиёдшаванда.

Дар илми иқтисодӣ услубҳои арзёбии вазъи истифодаи захираҳои иттилоотӣ хеле зиёд мебошанд. Дар яке аз онҳо нишондиҳандаҳои арзёбӣ ба панҷ гурӯҳ ҷудо карда шудааст: “1) нишондиҳандаҳои марбут бо истифодаи захираҳои иттилоотӣ; 2) нишондиҳандаҳои марбут бо беҳтар намудани чараёни идоракунӣ; 3) нишондиҳандаҳои марбут бо беҳтар намудани ташкили ҷараёни меҳнат; 4) нишондиҳандаҳои марбут бо беҳтар намудани ҷараёни истеҳсолот; 5) нишондиҳандаҳои марбут бо баланд бардоштани фаъолнокии эҷодии корманд”[7].

Стандартҳои муосири идоракунии сифати иттилоот ISO 9001 мутобиқати захираҳои иттилоотиро ба шартҳо ва талаботи муайян пешбинӣ менамоянд. Моҳияти талаботи мазкур чунин аст: дастрасӣ; муҳиммият; мутобиқат; мувофиқат; мунтазамӣ; пуррагӣ; созандагӣ.

Барои гузаронидани арзёбии сатҳи истифодабарӣ ва дастрасии захираҳои иттилоотӣ ба субъектҳои иқтисодии минтақа усули пурсиш низ васеъ истифода мешавад, ки дар он: контент – таҳлили захираҳои иттилоотӣ, мундариҷаи онҳо; - арзёбии иттилооти гирдоварда (бо холгузаронӣ) ва таҳлили муқоисавӣ амалӣ мегардад.

[7] Капустенко, И.С., Прошкина В.И. Прошкина В.И. Основы оценки качества информационных ресурсов промышленного предприятия [Текст] / И.С. Капустенко, В.И. Прошкина // Международный студенческий научный вестник. – 2015. – №4 – 1. – С. 48–49.

Дар самти идора намудани захираҳои иттилоотӣ омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ба мухталифии сатҳи рушд нигоҳ накарда, мамлакатҳои ҷаҳон, ки дар самти самаранок истифодабарии захираҳои иттилоотӣ хело муваффақ аст, дар сиёсати худ ба чунин равияҳо бештар таваҷҷуҳ медиҳад. Аз ҷумла: ҷалбкунӣ, таълим ва нигоҳдории IT – кадрҳо; рушди стартапҳои рақамӣ; раванди ҳамоҳангсохтаи инноватсионӣ; донишгоҳҳо, соҳибкорон ва вазоратҳои масъули ба рушди рақамӣ. Таҳлили мавқеъҳои мазкур нишон медиҳад, ки ҷузъи таҳсил (таълим) яке аз унсурҳои калидии ин раванд ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар ҷумҳурӣ ин таҷрибаи хориҷӣ метавонад самараовар гардад.

**Дар боби дувум** - "Ҳолат, хусусият ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд" – вазъи истифода, арзёбии сатҳи истифода, дастрас ва инфрасохтори иттилоотӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд баррасӣ гардидааст.

Дар иқтисодиёти муосир захираи иттилоотӣ ба нишондиҳандаи асосии рушди фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ мубаддал мегардад, бинобар ин таъмини иқтисодиёти минтақа бо захираҳои босифати иттилоотӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ба мадди аввал мебарояд. Арзёбии вазъи захираҳои иттилоотӣ хеле душвор аст, зеро омилҳои ба он таъсиррасон зиёд ва гуногун мебошанд. Дар ин самт методикаи олими рус Ю.В. Волкова дар арзёбии захираҳои иттилоотии минтақа, ки аз панҷ гурӯҳи нишондиҳандаҳо иборат аст, истифода бурда шудааст. Онҳо: нишондиҳандаи рушди пойгоҳи кадрӣ; техникӣ; институтсионалӣ; иттилоотӣ; ташкилӣ.[8]

Сараввал, нишондодҳои рушди пойгоҳи кадрӣ баррасӣ карда шудааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. – Нишондодҳои рушди омили инсонӣ дар самти арзёбии захираҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд**

| Номгӯи нишондодҳо | Меъёри ченак | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Шумораи умумии аҳолӣ | ҳаз.наф. | 2658,4 | 2707,3 | 2783,0 | 2823,9 | 2870,0 |
| Донишҷӯёни мактаби олӣ | ҳаз.наф. | 43,1 | 47,5 | 48,4 | 47,7 | 46,5 |
| Ҳиссаи донишҷӯёни мактаби олӣ дар 1000 нафар аҳолӣ | нафар | 16,21 | 17,55 | 17,39 | 16,89 | 16,20 |
| Хатмкунандагони аспирантура, докторантура, PhD | нафар | 121 | 97 | 76 | 65 | 61 |
| Ҳиссаи аспирантон, докторантон дар 1000 нафар аҳолӣ | Нафар | 0,045 | 0,035 | 0,027 | 0,023 | 0,021 |
| Шумораи аҳолии машғул | ҳаз.наф. | 807,7 | 820,1 | 845,0 | 882,8 | 885,1 |
| Шумораи бекорон | нафар | 8118 | 8940 | 7906 | 7823 | 7050 |
| Шахсони бекори маълумоти олӣ дошта | нафар | 1232 | 1436 | 831 | 1178 | 823 |

[8] Волкова, Ю.В. Методические подходы к оценке информационных ресурсов промышленных предприятий [Текст] / Ю.В. Волкова // Вестник СамГУ. 2010. – № 7 (81). – С.26 – 28.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи бекорони дорои маълумоти олӣ нисбат ба шумораи умумии бекорон | % | 15,2 | 16,1 | 10,5 | 15,1 | 11,7 |
| Шуғл дар соҳаи маориф ва илм | ҳаз.наф. | 71,3 | 73,2 | 73,6 | 75,1 | 73,0 |
| Ҳиссаи шуғл дар соҳаи маориф ва илм дар шуғли умум | % | 8,83 | 8,93 | 8,71 | 8,51 | 8,25 |

**Муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин ҳисоб кардааст:** Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. – С.75, С.73, С.79 – 100.

Шумораи умумии аҳолӣ нисбат ба солҳои пеш мунтазам зиёд шуда бошад ҳам, шумораи донишҷӯён, аспирантон ва докторантони PhD хело кам аст ва тамоюли ноустувор дорад. Теъдоди нокифояи онҳо метавонад яке аз сабабҳои асосии норасоӣ дар тайёр кардани сармояи инсонӣ бошад. Ҳолати мазкур бевосита ба ҷараёни ташаккули захираҳои иттилоотӢӣ таъсири худро дорад. Алҳол ҳиссаи аспирантон ва докторантони PhD дар ҳазор нафар аҳолии вилоят ба нишондоди 0,021 баробар мебошад, ин маънои ба панҷ ҳазор аҳолии вилоят як аспирант ва як докторант рост омаданро дорад.

Оид ба нишондиҳандаҳои пойгоҳи техникӣ дар самти арзёбии захираҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд қайд кардан зарур аст, ки теъдоди компютерҳои фардӣ тамоюли рушд дорад, ки ҷараёни мусбӣ аст. Зеро заминаҳои моддӣ – техникӣ дар нигоҳ доштан ва идора намудани захираҳои иттилоотӣ заминаи асосӣ мебошад. Вале агар ин зиёдшавӣ бо нишондиҳандаҳои муқоисавӣ баррасӣ карда шавад, вазъият на он қадар қонеъкунанда мебошад. Масалан, агар соли 2018 шартан ба ҳар корхонаи саноатӣ 10,57 воҳид, соли 2019 – 10,71 воҳид компютери фардӣ рост омада бошад, соли 2022 ин нишондиҳанда 9,2 воҳидро ташкил кардааст, яъне нисбат ба солҳои қабл коҳиш ёфтааст. Нишондиҳандаи дигари пойгоҳи иттилоотӣ ҳиссаи пайвастшавӣ ба шабакаи интернет мебошад, ки он қадар ҳам зиёд нест, яъне ҳамагӣ 45 – 46% мебошад. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки иқтидори техникии коркарди иттилоот пурра истифода бурда нашуда истодааст.

Дар самти нишондиҳандаҳои техникии захираҳои иттилоотӣ таъминнокии корхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро бо компютерҳои фардӣ дар низ баррасӣ намудан мумкин аст.

## Ҷадвали 3. – Таъминнокии кормандони ташкилоту корхонаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бо компютерҳои инфиродӣ

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | | 2018 | | 2020 | | 2022 | |
| | адад | % | адад | % | адад | % | адад | % |
| Хуҷанд | 1685 | 26,55 | 1775 | 25,22 | 1839 | 23,89 | 1913 | 23,97 |
| Исфара | 66 | 1,04 | 73 | 1,04 | 89 | 1,16 | 92 | 1,15 |
| Истаравшан | 218 | 3,43 | 231 | 3,28 | 280 | 3,64 | 285 | 3,57 |
| Конибодом | 264 | 4,16 | 352 | 5,00 | 382 | 4,96 | 393 | 4,92 |
| Гулистон | 130 | 2,05 | 140 | 1,99 | 156 | 2,03 | 170 | 2,13 |
| Панҷакент | 420 | 6,62 | 450 | 6,39 | 477 | 6,20 | 519 | 6,50 |

*Давоми ҷадвали 3.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истиқлол | 36 | 0,57 | 40 | 0,57 | 43 | 0,56 | 46 | 0,58 |
| Бӯстон | 183 | 2,88 | 213 | 3,03 | 270 | 3,51 | 306 | 3,83 |
| Айнӣ | 1157 | 18,23 | 1215 | 17,27 | 1275 | 16,56 | 1339 | 16,78 |
| Ашт | 91 | 1,43 | 127 | 1,80 | 139 | 1,81 | 146 | 1,83 |
| Деваштич | 285 | 4,49 | 330 | 4,69 | 391 | 5,08 | 403 | 5,05 |
| Бобоҷон Ғафуров | 895 | 14,10 | 1035 | 14,71 | 1144 | 14,86 | 1114 | 13,96 |
| Зафаробод | 13 | 0,20 | 18 | 0,26 | 32 | 0,42 | 33 | 0,41 |
| Мастчоҳ | 227 | 3,58 | 290 | 4,12 | 380 | 4,94 | 391 | 4,90 |
| Спитамен | 252 | 3,97 | 258 | 3,67 | 270 | 3,51 | 283 | 3,55 |
| Ҷаббор Расулов | 25 | 0,39 | 26 | 0,37 | 27 | 0,35 | 28 | 0,35 |
| Шаҳристон | 393 | 6,19 | 456 | 6,48 | 494 | 6,42 | 509 | 6,38 |
| Кӯҳистони Мастчоҳ | 7 | 0,11 | 8 | 0,11 | 10 | 0,13 | 10 | 0,13 |
| Ҳамагӣ дар вилоят | 6347 | 100 | 7037 | 100 | 7698 | 100 | 7981 | 100 |

**Муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин ҳисоб кардааст:** Ҳисоботи Шӯъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд (аз маводҳои аввалин); Ҳисоботи ТИК, формаи №1, 18 шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд; Омори солонаи вилояти Суғд.

Дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи нишондиҳандаи таъминнокии кормандони ташкилоту корхонаҳо бо компютери фардӣ ҷои аввалро шаҳри Хуҷанд, дуюм н. Айнӣ, сеюм н. Б.Ғафуров ишғол менамоянд. Дар масъалаи таъминнокии ташкилоту корхонаҳо бо компютерҳои инфиродӣ шаҳру ноҳияҳои зерин қафомондаанд: н. Кӯҳистони Мастчоҳ, н. Ҷ. Расулов, н. Зафаробод ва ш. Истиқлол. Умуман дар ин масъала ҳамаи шаҳру ноҳияҳо бояд фаъол бошанд, зеро мавҷудияти технологияи иттилоотии муосир дар ташаккул ва идора намудани захираҳои иттилоотӣ мавқеи авалиндараҷа дорад.

Дар шароити муосир амалӣ гардонидани ҳар як фаъолият аз бисёр ҷиҳат аз мавҷудияти пойгоҳи ҳуқуқии меъёрӣ вобаста аст, ки онҳоро нишондодаҳои заминаи институтсионалӣ оид ба идораи захираҳои иттилоотӣ меноманд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт зеринҳоро бояд алоҳида таъкид кард, ки пойгоҳи асосии идораи захираҳои иттилоотӣ мебошад. Онҳо: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот”, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет”, Консепсияи системаи иттилоотии идораи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи мақсадноки миллии илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013–2028, Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022, Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар амал татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида дар идораи самараноки захираҳои иттилоотӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Мавҷудияти пойгоҳҳои иттилоотӣ дар минтақаҳо, ки асосан фаъолияти китобхонаҳо, нашри китоб, асарҳои илмӣ, воридшавӣ ба сомонаҳои Интернет ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Дар ин ҷода фаъолияти яке аз ниҳодҳои асосии пойгоҳи иттилоотӣ – фаъолияти китобхонаҳо баррасӣ шудааст. Теъдоди китобхонаҳо аз соли 2019 то инҷониб 362 адад мебошад, ки тағйир наёфтааст. Нишондодиҳандаҳои сифатӣ низ қариб тағйир наёфтаанд. Теъдоди китобу маҷаллаҳо ба ҳисоби миёна ба як хонанда дар солҳои 2018–2020, ки дар умум даҳ нусха рост меояд, солҳои 2021 – 2022 ба 9,7 баробар гаштааст, ки коҳиш ёфтааст. Афзоиши шумораи хонандагон ба ҳисоби миёна хеле ночиз ва ғайриқаноатбахш мебошад. Ба ибораи дигар, шумораи хонандагон ба ҳисоби миёна ба як китобхона соли 2022 нисбат ба соли 2021 ҳамагӣ се нафар, нисбат ба соли 2018 шаш нафар зиёд шудааст[9]. Метавон гуфт, ки афзоиши шумораи хонандагон ба ҳисоби миёна хеле ночиз ва ғайриқаноатбахш мебошад.

Нишондодиҳандаҳои пойгоҳи ташкилӣ дар ҷараёни идораи захираҳои иттилоотӣ нақши муҳим дорад. Зеро бо воситаи он ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар самти идораи иттилоот баҳогузорӣ намудан имконият пайдо мегардад, ки дар ҷадвали 4 баррасӣ карда шудааст.

**Ҷадвали 4. - Нишондодҳои пойгоҳи ташкилӣ**

| Номгӯи нишондодҳо | Меъёри ченак | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Корхонаҳое, ки хизматрасонии иттилоотӣ пешкаш менамоянд | воҳид | 11 | 12 | 12 | 14 | 17 |
| Корхонаҳое, ки барномаи компютерӣ таҳия менамоянд | воҳид | 2 | 5 | 5 | 7 | 7 |
| Хароҷот аз буҷети в. Суғд – ҳамагӣ | млн. сомонӣ | 1678,9 | 1889,2 | 1875,9 | 2379,9 | 2565,1 |
| Хароҷоти буҷетӣ ба соҳаи коммуникатсия ва нақлиёт | млн. сомонӣ | 51,99 | 65,88 | 46,7 | 73,5 | 83,2 |
| Ҳиссаи хароҷот ба коммуникатсия ва нақлиёт дар хароҷоти умумӣ | % | 3,10 | 3,49 | 2,49 | 3,09 | 3,24 |
| Сармоягузорӣ ба фонди асосии соҳаи иттилоот ва алоқа | млн. доллар | – | – | 0,008 | 0,008 | – |

**Муаллиф дар асоси сарчашмаи зерин ҳисоб кардааст:** Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. – С.376 – 380, С.388 – 402; Ҳисоботи Шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд (аз маводҳои аввалин); Ҳисоботи ТИК, шакли №1, 18 шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд.

Дар миқёси вилоят шумораи корхонаҳое, ки хизматрасонии иттилоотӣ пешкаш менамоянд, тамоюли рушди доимӣ дорад. Лозим ба таъкид аст, ки бо рақамҳои мутлақ алҳол хело кам аст. Масалан, дар миқёси вилоят мавҷудияти 17 корхонаи пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои иттилоотӣ ва ҳамагӣ 7 корхонаи барноманависӣ мавҷуд аст, ки теъдоди онҳо нокифоя мебошад. Илова бар он маблағгузорӣ ба соҳа ҳоло хело ночиз буда, ба рушди соҳа мусоидат наменамояд.

Вале, бо вуҷуди ин, сабабҳои асосии рушд наёфтани бозори захираҳои иттилоотӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар в. Суғд

[9] Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. – С.159 – 160

инҳоанд: сатҳи нокифояи таъминнокии бо техника ва технологияи идора намудани захираҳои иттилоотӣ; рушд наёфтани ширкатҳои хизматрасонии иттилоотӣ; арзиши гарони пайвастшавӣ ва истифодаи шабакаҳои интернетӣ; бо технологияи иттилоотии муосир пурра муҷаҳҳаз набудани қисми зиёди субъектони хоҷагидорӣ; норасогӣ дар таъминнокии кадрӣ.

Айни замон, дар фазои иттилоотии минтақа ва дар маҷмуъ Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди сомонаҳо фаъолият мебаранд, ки иттилооти самтҳои гуногунро пешниҳод менамоянд. Вале, рӯйхати давлатӣ ва низоми бақайдгирии минтақавии захираҳои иттилоотӣ то кунун вуҷуд надорад. Дар ин марҳила, натиҷаҳои пурсиш, ки дар зиёда аз 170 респондентон, намояндагони ҷомеаи соҳибкории соҳаҳои мухталифи фаъолият иштирок карданд, ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Корхонаи муосирро бе истифодаи технологияҳои муосир тасаввур намудан ғайриимкон аст, ки дар ин бора ҷавобҳои респондентон гувоҳӣ медиҳад. 92% респондентон ба савол дар бораи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар корхона ҷавоби мусбат доданд (ниг. расми 1).




**Расми 1. - Истифодаи унсурҳои технологияҳои иттилоотӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳои вилояти Суғд дар соли 2022 (аз рӯи пурсиш)**

Намояндагони корхонаҳо ва ташкилотҳои калон (ба ғайр аз истифодаи компютерҳо) истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ (28%) ва Интернет (51%) – ро қайд намудаанд. Мавҷудияти почтаҳои электронии корхонаҳоро 38% – и респондентон зикр карданд. Ин чунин маъно дорад, ки дар корхонаҳои нисбатан калон компютерҳо дар шабакаҳои маҳаллӣ бо вуруд ба шабакаҳои корпоративӣ (сатҳи дуюм) муттаҳид карда шудаанд. Дар рафти пурсиш респондентҳо, муаммоҳои боздорандаи истифодаи захираҳои иттилоотиро зикр намуданд. Муаммоҳои аз ҳама назаррас дар расми 2 нишон дода шудаанд.




***Расми 2. - Муаммоҳои боздорандаи самаранокии истифодаи захираҳои иттилоотӣ (аз рӯи натиҷаҳои пурсиш)***

Ба муаммои камбудии воситаҳои пулӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ 62% респондентон ишора кардаанд. Ин муаммо асосан дар корхонаҳои соҳибкории хурд ҷой дорад. Зеро, дар корхонаҳои хурд имконияти қабули корманди штатии IT – мутахассис (42%) вуҷуд надорад ва худи соҳибкорон низ дониши кофӣ ва малакаи кор бо IT – технологияро (52%) надоранд.

Бо туфайли тадбирҳои андешида дар вилояти Суғд унсурҳои асосии инфрасохторҳои иттилоотӣ ташаккул ёфтанд. Вале, раванди оғозёфтаи ташаккул тавсеа ва фаъолгардонии фаъолияти на танҳо сохторҳои давлатӣ, балки ҷомеаи соҳибкоронро низ талаб менамояд.

